“Тасдиқ мекунам”

Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ж. Б. ________

“27” 08 соли 2026

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷид дар мавзуи «Инсонгаройӣ ва тарбияи инсони комил дар осори Ҷалолиддини Балхӣ ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1 Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Абдулмаҷидзода М. А. дар мавзуи «Инсонгаройӣ ва тарбияи инсони комил дар осори Ҷалолиддини Балхӣ ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1 Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқотии Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷид яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрами замони муосир мебошад, зеро дар шароити рушди босуръати ҷомеа, ҷаҳонишавӣ ва густариши технологияҳои иттилоотӣ масъалаи тарбияи насли наврасу ҷавон дар руҳияи инсонгаройӣ, ахлоқи ҳамида, худшиносии миллӣ ва арзишҳои умумибашарӣ аҳаммияти бештар касб намудааст. Имрӯз ҷомеа ба шахсиятҳое ниёз дорад, ки дорои дониши муосир, ҷаҳонбинии васеъ, фарҳанги баланд ва ҳисси баланди масъулияти шаҳрвандӣ бошанд.

Дар ин замина, омӯзиши ғояҳои инсонгароёна ва андешаҳои тарбиявии Ҷалолиддини Балхӣ, ки дар осори ӯ масъалаҳои камолоти маънавӣ, эҳтироми инсон, дӯстиву ҳамдигарфаҳмӣ, адолат ва худтакмилдиҳӣ ҷойгоҳи муҳим доранд, аҳаммияти хос пайдо мекунад. Осори Балхӣ метавонад ҳамчун манбаи арзишманди маънавӣ дар тарбияи инсони комил ва ташаккули сифатҳои беҳтарини ахлоқии ҷавонон истифода гардад.

Маҳз аз ҳамин нуқтаи назар, таҳқиқи масъалаи «Инсонгаройӣ ва тарбияи инсони комил дар осори Ҷалолиддини Балхӣ ва татбиқи он дар

таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир» на танҳо аҳаммияти назариявӣ, балки арзиши баланди амалӣ дошта, барои такмили раванди таълиму тарбия, баланд бардоштани сатҳи маънавияти ҷавонон ва таҳкими арзишҳои миллӣ мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, мавзуи мазкур аз ҷумлаи масъалаҳои мубрам ва саривақтии илми педагогика ва ҷомеаи муосир ба ҳисоб меравад.

Унвонҷӯ барои ба амал баровардани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот фарзияро пешниҳод намудааст, ки тибқи он самаранокии таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар руҳияи инсонгаройӣ ва ташаккули сифатҳои инсони комил дар сурати амалӣ гардидани шартҳои зерин таъмин мегардад:

- омӯзиш ва истифодаи мунтазами ғояҳои инсонпарварона ва тарбиявии Ҷалолиддини Балхӣ дар раванди таълим;
- муайян ва асоснок намудани имкониятҳои педагогии осори Ҷалолиддини Балхӣ дар ташаккули арзишҳои ахлоқӣ ва маънавии ҷавонон;
- татбиқи принсипҳои инсонгаройӣ, худшиносӣ, худтакмилдиҳӣ ва фарҳангсолорӣ дар фаъолияти таълимӣ ва тарбиявӣ;
- ғанӣ гардонидани мундариҷаи фанҳои таълимӣ бо афкору андешаҳои тарбиявии Ҷалолиддини Балхӣ; истифодаи шаклу усулҳои муосири таълим барои рушди тафаккури эҷодӣ, масъулиятшиносӣ ва мустақилияти ҷавонон.

**Дараҷаи асоноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда аз ҷиҳати методологӣ илман асоснок буда, бори аввал ҷанбаҳои амалии масъалаи инсонгаройӣ ва тарбияи инсони комил дар осори Ҷалолиддини Балхӣ ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Диссертатсия дар асоси омӯзиши таҳқиқоти олимону педагогҳои шинохтаи кишвар ва берун аз он рӯйи кор омадааст.

Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар нашрияҳои илмӣ ба нашр расидаанд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқ дар конференсияҳои сатҳи минтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ, семинарҳои илмӣ-методӣ, инчунин, дар ҷаласаҳои кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор дода шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда** аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки унвонҷӯ оид ба проблемаи таҳқиқот дониши хуби назариявӣ-илмӣ дорад, бо адабиёти илмӣ-педагогӣ хуб шинос аст ва аз ҳама муҳиммаш, адабиёти илмиро дар таҳқиқот хуб истифода бурда метавонад. Дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ-педагогӣ ва гузаронидани корҳои таҷрибавию озмоишӣ, муаллифи диссертатсия мавзуи «Инсонгаройӣ ва тарбияи инсони комил дар осори Ҷалолиддини Балхӣ ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир» -ро бори аввал дар илми педагогикаи ватанӣ ба таври ҳамаҷониба мавриди омӯзиш, таҳқиқ ва таҳлили амиқи илмӣ қарор дода, дар асоси натиҷаҳои бадастомада навгонии таҳқиқро ба шакли зерин пешниҳод намудааст:

- хусусиятҳои муҳими мероси педагогии файласуфон ва мутафаккирони асримиёнагии тоҷику форс, ки фаъолияташон бо фазои илмӣ ва фарҳангии Осиёи Марказӣ алоқаманд мебошад, бо дарназардошти омилҳои таърихӣ, иҷтимоӣ ва динӣ мавриди таҳлил ва арзёбии илмӣ қарор дода шуданд;

- унсурҳои бунёдӣ ва ҷанбаҳои асосии консепсияи педагогии Ҷалолиддини Балхӣ оид ба инсонгаройӣ ва тарбияи инсони комил муайян гардида, мазмун ва аҳаммияти онҳо аз нигоҳи илми педагогикаи муосир таҳлил ва низомнок карда шуданд;

- ғояҳо ва ақидаҳои педагогии Ҷалолиддини Балхӣ, ки барои такмили раванди муосири таълиму тарбия ва ташаккули шахсияти маънавию ахлоқии ҷавонон аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд, муайян ва асоснок карда шуданд;

- имкониятҳо ва роҳҳои татбиқи ғояҳои инсонгароёнаи Ҷалолиддини Балхӣ дар такмили мазмун, шакл ва усулҳои таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва пешниҳод гардиданд;

- самаранокии истифодаи ғояҳои педагогии Ҷалолиддини Балхӣ оид ба инсонгаройӣ, худшиносӣ, камолоти маънавӣ ва тарбияи инсони комил дар раванди таълиму тарбия аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснок карда шуд;

- тавсияҳои илмӣ-методӣ оид ба воридсозӣ ва татбиқи ақидаҳои педагогии Ҷалолиддини Балхӣ дар фаъолияти таълимӣ ва тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таҳия гардида, барои истифода дар амалияи педагогӣ пешниҳод шуданд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои дисертатсия.**

Аҳаммияти илмии таҳқиқот, пеш аз ҳама, дар такмили асосҳои назариявию методологии омӯзиш ва татбиқи ғояҳои инсонгароӣ ва тарбияи инсони комил дар осори Ҷалолиддини Балхӣ, инчунин, муайян намудани роҳҳо ва шартҳои педагогии истифодаи онҳо дар низоми муосири таълиму тарбия ифода меёбад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои рушди назарияи педагогика, махсусан дар самти тарбияи маънавию ахлоқӣ ва ташаккули шахсияти комил, саҳми арзанда гузоранд.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқи мазкур дар кӯшиши муаллиф барои омӯзиш ва таҳлили моҳияти ғояҳои инсонгароёна ва ақидаҳои тарбиявии Ҷалолиддини Балхӣ оид ба ташаккули инсони комил ифода меёбад. Таҳқиқот ба ғанӣ гардидани донишҳои назариявӣ дар самти тарбияи маънавию ахлоқии насли наврасу ҷавон мусоидат намуда, нақш ва ҷойгоҳи мероси маънавии Балхиро дар рушди шахсият, худшиносии миллӣ, эҳтиром ба арзишҳои умумибашарӣ ва такмили низоми муосири таълиму тарбия муайян менамояд. Аҳаммияти он махсусан дар шароити ҷаҳонишавӣ, ки масъалаҳои ҳифзи ҳувияти миллӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ аҳаммияти рӯзафзун пайдо кардаанд, бештар зоҳир мегардад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқоти мазкур аз он иборат аст, ки натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар таҳияи барномаҳо, дастурҳои таълимӣ ва чорабиниҳои тарбиявӣ вобаста ба ташаккули арзишҳои инсонгароӣ ва тарбияи инсони комил истифода шаванд. Омӯзиши амиқи осори Ҷалолиддини Балхӣ бо истифода аз усулҳои муосири таҳқиқот имконият медиҳад, ки неруи педагогии осори ӯ ошкор гардида, роҳҳои самараноки татбиқи ғояҳои тарбиявии ӯ дар фаъолияти муассисаҳои таълимӣ муайян карда шаванд. Хулосаҳо ва тавсияҳои таҳқиқот метавонанд барои омӯзгорон, муҳаққиқон, донишҷӯён ва дигар кормандони соҳаи маориф дар такмили раванди таълиму тарбия ва баланд бардоштани сатҳи маънавию ахлоқии ҷавонон муфид бошанд.

Аҳаммияти иҷтимоии таҳқиқ дар таҳкими арзишҳои инсонгароӣ, баланд бардоштани сатҳи худшиносии миллӣ, эҳтиром ба фарҳанг ва мероси маънавии халқ, тарбияи ҷавонон дар руҳияи ватандӯстӣ, таҳаммулпазирӣ ва масъулиятшиносӣ зоҳир мегардад. Татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот метавонад ба беҳтар гардидани муҳити маънавии ҷомеа ва омодасозии шаҳрвандони фаъолу созанда мусоидат намояд.

Мавод ва натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми таҳияи монографияҳо, китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ-методӣ, мақолаҳои илмӣ, барномаҳои таълимӣ, тавсияҳои методӣ ва дигар санадҳои таълимию тарбиявӣ оид ба омӯзиш ва татбиқи ғояҳои инсонгарой ва тарбияи инсони комил дар осори Ҷалолиддини Балхӣ мавриди истифода қарор гиранд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар ташкили корҳои таълимӣ ва тарбиявӣ, баргузории машғулиятҳои фанҳои педагогика, ахлоқ, таърихи афкори педагогӣ, адабиёт ва фарҳангшиносӣ, инчунин, дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баланд бардоштани сатҳи маънавию ахлоқии насли наврасу ҷавон ба кор бурда шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Дар раванди ҳалли илмии масъалаҳои гузошташуда, интихоби дурусти равишҳои методологӣ ва усулҳои пажуҳиш аз ҷониби муаллиф имконият фароҳам овард, ки натиҷаҳои арзишманди илмӣ ба даст оварда шаванд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро дурустӣ ва асоснокии хулосаҳо, инчунин, истифодаи мақсадноки усулҳои таҳлил, аз ҷумла, усулҳои эмпирикӣ, арзёбӣ, озмоиш, муқоиса, таҳлил ва ғайра дар асоси маълумоти бадастомада ташаккул додани далелҳои илмие, ки дар натиҷаи истифодаи нишондиҳандаҳои сифатӣ, усулҳои миқдорӣ дар шакли маълумоти оморӣ ва коркарди оқилонаи онҳо ба миён омаданд, ташкил мекунанд.

Инчунин, барои ба даст овардани натиҷаҳои таҳқиқот дар амал унсурҳои таҳлили мундариҷаи матн, усули баҳодиҳии ташхисӣ, усули банақшагирии самараноки озмоишҳо, пурсиш, мусоҳиба, суҳбат, мушоҳида, кори таҷрибавӣ-озмоишӣ, таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишӣ истифода шуданд. Асоснокии хулосаҳо ва пешниҳодҳои овардашуда, инчунин, сатҳи баланди илмии онҳо гувоҳи онанд, ки муаллиф аз осори муҳимми олимони шинохтаи соҳаи таърихи ватанӣ ва хориҷӣ эҷодкорона истифода бурдааст. Хулоса ва тавсияҳои илмии таҳқиқ, ки дар заминаи таҳлилҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ таҳия шудаанд ва барои татбиқи амалии натиҷаҳо заминаи устувор фароҳам овардаанд, эътимоднокии таҳқиқотро тасдиқ мекунанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми шахсии довталаб аз муайян кардани мақсад, вазифаҳо, объект, предмет, фарзия ва масъалаҳои таҳқиқот ва матраҳ сохтани масъалаҳои мубрами таҳқиқот, таҳлилу баррасии иттилооти бадастовардашуда

иборат мебошад. Таҳлили назариявию методологӣ, таҳқиқи амалӣ ва санҷидани фарзияи гузошташуда, коркарди пешниҳод ва хулосаҳо, ки муҳтавои диссертатсияро тартиб медиҳанд, маҳз натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи муаллифи диссертатсия маҳсуб меёбад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Баъзе фаслҳо ва бобҳои алоҳидаи таҳқиқи мазкур дар шакли мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои илмии "Паёми Донишгоҳи Хоруғ", "Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон", "Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ" ва дар маҷмуаи мақолаҳои конфронсҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ нашр гардидаанд. Шумораи умумии ин мақолаҳо ба 8 адад мерасад, ки аз ҷумла, 4-тои онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандае ба табъ расидаанд, ки дар рӯйхати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил мебошанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Рисолаи илмӣ аз муқаддима, 3 боб, 6 фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Дар муқаддима аҳаммият ва мубрамияти мавзуи диссертатсия, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, инчунин, аҳаммияти назариявию амалии он, баргузории марҳилаҳои таҳқиқот ва корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ дар пойгоҳҳои таҳқиқотӣ баррасӣ гардидааст. Боби якуми диссертатсия таҳти унвони «**Афкори педагогӣ дар эҷодиёти Ҷалолиддини Балхӣ**» аз ду фасл иборат буда, дар он масъалаҳои марбут ба заминаҳои таърихию фарҳангии ташаккули андешаҳои педагогии мутафаккир, таҳлили осори адабӣ ва ирфонии ӯ, инчунин, арзишҳои инсонгароёна ва тарбиявии таълимоти Ҷалолиддини Балхӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф бо такя ба сарчашмаҳои илмӣ ва таҳлили осори Ҷалолиддини Балхӣ, аз ҷумла «Маснавии маънавӣ», «Девони Шамси Табрезӣ» ва «Фиҳи мо фиҳи», кӯшиш намудааст ҷойгоҳ ва аҳаммияти афкори педагогии ин мутафаккири бузургро дар рушди андешаи тарбиявӣ ва ахлоқии ҷомеа муайян намояд.

Дар фасли аввал шароити таърихӣ, сиёсӣ ва фарҳангии давраи зиндагии Ҷалолиддини Балхӣ баррасӣ гардида, таъсири муҳити иҷтимоии Руми Салҷуқӣ ба ташаккули ҷаҳонбинӣ ва фаъолияти эҷодии ӯ нишон дода шудааст. Ҳамзамон, муҳаққиқ моҳияти осори Балхиро аз нуқтаи назари тарбиявӣ таҳлил намуда, собит месозад, ки дар онҳо масъалаҳои худшиносӣ, маърифат, ахлоқ, инсондӯстӣ ва такомули маънавии шахс ҷойгоҳи муҳим доранд. Қобили зикр аст, ки муаллиф

нақши ҳикояҳо, рамзҳо ва образҳои бадеиро ҳамчун воситаи таъсиргузори педагогӣ дуруст арзёбӣ намудааст.

Дар фасли дуюм масъалаи инсон ва арзишҳои маънавию ахлоқӣ дар таълимоти Ҷалолиддини Балхӣ таҳлил гардидааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки дар маркази афкори педагогии мутафаккир ғояи тарбияи инсони комил қарор дошта, расидан ба ин мақом тавассути донишандӯзӣ, худтакмилдиҳӣ, рушди ақл ва мубориза бо нафс имконпазир мебошад. Дар ин замина нақши дониш, ахлоқ, ирода ва маърифат ҳамчун омилҳои асосии ташаккули шахсияти комил ба таври асоснок шарҳ дода шудааст. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки аз нигоҳи Ҷалолиддини Балхӣ инсон мавҷуди қобили такомул буда, тавассути донишандӯзӣ, худшиносӣ, мубориза бо нафс ва риояи меъёрҳои ахлоқӣ метавонад ба мақоми инсони комил расад. Дар ин замина муаллиф муносибати Ҷалолиддини Балхиро нисбат ба масъалаи ақл ва дониш хеле хуб шарҳ додааст.

Ҳамзамон, дар боб нақши тасаввуф ҳамчун низоми тарбиявӣ ва ахлоқӣ мавриди омӯзиши амиқ қарор гирифтааст. Муаллиф бо далелҳои илмӣ собит менамояд, ки ҳадафи асосии таълимоти тасаввуфӣ дар андешаҳои Ҷалолиддини Балхӣ ташаккули инсони комил ва рушди арзишҳои умумиинсонӣ мебошад. Ин хулоса барои илми педагогикаи муосир низ аҳаммияти назаррас дорад, зеро масъалаҳои тарбияи ахлоқӣ ва маънавии ҷавонон имрӯз низ мубрам боқӣ мемонанд.

Боби дуюми диссертатсия **«Аҳаммияти афкори педагогии Ҷалолиддини Балхӣ оид ба инсонгаройӣ ва инсони комил дар тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир»** унвон дошта, дар он масъалаҳои марбут ба моҳият ва аҳаммияти ахлоқ дар осори Ҷалолиддини Балхӣ, нақши афкори инсонгароёнаи ӯ дар ташаккули шахсият, консепсияи «инсони комил», инчунин, таъсири ин андешаҳо ба рушди педагогикаи миллӣ ва низоми муосири тарбияи насли наврасу ҷавон мавриди таҳлил ва баррасии илмӣ қарор гирифтаанд.

Диссертант дуруст таъкид менамояд, ки андешаҳои педагогии Ҷалолиддини Балхӣ бо дарназардошти хусусиятҳои синнусолӣ ва марҳилаҳои инкишофи кӯдак ташаккул ёфтаанд. Дар ин замина шаш, марҳилаи асосии инкишофи психофизиологии кӯдак ва наврас баррасӣ гардида, барои ҳар як давра зарурати истифодаи усулҳои мутобиқи таълиму тарбия нишон дода шудааст. Ин равиш аҳаммияти махсуси илмӣ дошта, нишон медиҳад, ки дар таълимоти Ҷалолиддини Балхӣ

масъалаи фарқиятҳои синнусолӣ ва хусусиятҳои рушди шахсият ҷойгоҳи муҳимро ишғол менамояд.

Дар зербоби дуюм афкори педагогии Ҷалолиддини Балхӣ дар бораи инсонгаройӣ ва инсони комил таҳлил гардидааст. Муаллиф масъалаи инсони комилро ҳамчун меҳвари асосии консепсияи педагогии Ҷалолиддини Балхӣ арзёбӣ намуда, хусусиятҳои асосии чунин шахсиятро дар асоси осори мутафаккир шарҳ медиҳад. Инсони комил аз нигоҳи Ҷалолиддини Балхӣ шахсияти донишманд, ахлоқманд, худшинос ва дорои иродаи устувор буда, ҳамеша дар роҳи такмили маънавӣ ва маърифатӣ қарор дорад. Ӯ на танҳо барои камолоти шахсии худ талош мекунад, балки дар пешрафти ҷомеа ва тарбияи дигарон низ саҳм мегузорад.

Ҷиҳати муҳим ва ҷолиби ин қисмати таҳқиқот муқоисаи андешаҳои Ҷалолиддини Балхӣ бо назарияи психологияи инсонгароёнаи Абраҳам Маслоу мебошад. Муаллиф бо далелҳои илмӣ нишон медиҳад, ки сарфи назар аз фарқиятҳои замонӣ ва ҷаҳонбинӣ, ҳар ду мутафаккир ба неруи ботинии инсон, имконияти худтакмилдиҳӣ ва майли табиии ӯ ба некӣ ва адолат эътимод доранд. Ин муқоиса имконият медиҳад, ки арзиши умумибашарии афкори Ҷалолиддини Балхӣ равшантар ошкор гардад ва аҳаммияти онҳо барои илми педагогика ва психологияи муосир муайян карда шавад.

Ҳамчунин, дар боб масъалаи нақши ақл, дониш, ҳиссиёт ва покии нафс дар ташаккули инсони комил мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтааст. Муаллиф дуруст нишон медиҳад, ки аз нигоҳи Ҷалолиддини Балхӣ танҳо дониш барои расидан ба камолот кофӣ нест, балки инсон бояд ахлоқи ҳамида, покии ботин ва иродаи қавӣ дошта бошад. Маҳз чунин омилҳо шахсиятро ба сатҳи баланди маънавӣ мерасонанд ва ӯро барои хизмати ҷомеа омода месозанд. Дар маҷмуъ, боби дуюми диссертатсия бо таҳлили муфассали масъалаҳои инсонгаройӣ, ахлоқ ва тарбияи инсони комил фарқ намуда, аҳаммияти илмӣ ва амалии назаррас дорад.

Дар боби сеюми диссертатсия **«Такмил ва татбиқи андешаҳои педагогии Ҷалолиддини Балхӣ дар бораи инсонгаройӣ ва инсони комил дар раванди таълиму тарбия»** ба масъалаҳои амалии истифодаи мероси педагогии мутафаккири бузург дар низоми муосири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Мазмун ва муҳтавои ин боб нишон медиҳад, ки муаллиф танҳо ба таҳлили назариявии афкори педагогии Ҷалолиддини Балхӣ маҳдуд нашуда, балки роҳҳои татбиқи амалии

онҳоро дар раванди таълиму тарбия ва такмили фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ низ пешниҳод намудааст.

Дар зербоби якуми ин боб масъалаи такмили технологияҳои таълиму тарбия дар заминаи афкори педагогии Ҷалолиддини Балхӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Муаллиф бо такя ба осори мутафаккир ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ нишон медиҳад, ки дар таълимоти Ҷалолиддини Балхӣ хусусиятҳои синнусолӣ ва равонии кӯдак ҷойгоҳи муҳим доранд. Аз ҷумла, таъкид мегардад, ки кӯдак бояд мутобиқи марҳилаи рушди худ тарбия ва таълим гирад ва истифодаи усулҳои номутобиқ метавонад самаранокии раванди тарбияро коҳиш диҳад.

Қобили дастгирӣ аст, ки муҳаққиқ ба масъалаи бозӣ ҳамчун воситаи муҳимми рушди шахсияти кӯдак таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст. Ин андеша бо талаботи педагогикаи муосир мутобиқат дошта, аҳаммияти амалии он барои муассисаҳои таълимии имрӯза хеле бузург мебошад. Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки ташкили муҳити омӯзишии фаъол, истифодаи усулҳои интерактивӣ ва ба назар гирифтани хусусиятҳои равонии хонандагон ба ташаккули шахсияти ҳамаҷониба мусоидат менамояд.

Дар зербоби дуюм масъалаи татбиқи андешаҳои педагогии Ҷалолиддини Балхӣ дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳлил шудааст. Унвонҷӯ бо далелҳои асоснок нишон медиҳад, ки арзишҳои инсонгароёнаи Ҷалолиддини Балхӣ, аз қабили адолат, некукорӣ, таҳаммулпазирӣ, эҳтироми инсон, худшиносӣ ва масъулиятшиносӣ имрӯз низ аҳаммияти худро гум накардаанд ва метавонанд ҳамчун заминаи муҳимми тарбияи шаҳрвандони соҳибмаърифат ва ватандӯст хизмат намоянд. Дар ин боб аҳаммияти муроҷиат ба мероси педагогии ниёгон барои таҳкими низоми миллии маориф дуруст асоснок карда шудааст. Диссертант ба хулосаи муҳим омадааст, ки афкори педагогии Ҷалолиддини Балхӣ ва дигар мутафаккирони асримиёнагӣ имрӯз низ дар шакли анъанаҳо, расму оинҳо, афсонаҳо ва арзишҳои фарҳангӣ ба тарбияи насли наврас таъсир мерасонанд. Ин андеша аҳаммияти назариявии махсус дошта, зарурати истифодаи мақсадноки мероси маънавии халқро дар раванди таълим ва тарбия тасдиқ менамояд.

Ҷиҳати дигари мусбати таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф тавонистааст ҳамоҳангии арзишҳои миллӣ ва арзишҳои умумибашариро дар таълимоти Балхӣ нишон диҳад. Дар шароити

ҷаҳонишавӣ ва рушди муносибатҳои байналмилалӣ чунин мавқеъ барои тарбияи ҷавонони соҳибҳувият, дорои ҷаҳонбинии васеъ ва эҳтиромгузор ба арзишҳои миллӣ ва инсондӯстӣ аҳаммияти муҳим дорад. Маводди пешниҳодшуда дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, метавонад барои омӯзгорон, муҳаққиқон ва мутахассисони соҳаи маориф ҳамчун манбаи арзишманд хизмат намояд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ.** Диссертатсия ва автореферати он мутобиқ ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми декабри соли 2024, №493 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмӣ-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо мисолҳо, тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ таъмин аст.

Диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал фаҳмо, бо лаҳни равони тоҷикӣ навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва муттасилӣ ба пуррагӣ риоя гардидааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола, хулосаҳои возеҳ бароварда шудааст.

Автореферати диссертатсия фарогири мазмуни асосии диссертатсия буда, тибқи талаботи мавҷуда омода карда шудааст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Фаъолияти илмӣ ва омӯзгории муаллиф ба ихтисоси илмиаш мувофиқат менамояд. Мақолаҳои нашрнамудаи ӯ ба ихтисоси 5.3.1 Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқ мебошад. Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷид дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок намуда, вобаста ба мавзуи диссертатсия маъруза хондааст. Бо назардошти гуфтаҳои боло, хулоса кардан мумкин аст, ки тахассуси илмии диссертант ба дараҷаи илмии дарёфтшаванда мувофиқ мебошад.

**Эродҳо ба таҳқиқи диссертатсионӣ.** Баробари комёбиҳо дар диссертатсияи тақризшаванда баъзе камбудиву норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳоро зарур ва ба манфиати кор меҳисобем:

1. Дар саҳифаи 18-уми диссертатсия "Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таълиму тарбияи кӯдак" нодуруст қайд гардидааст.

2. Дар пойгоҳи таҳқиқот синну соли хонандагон зикр нагардидааст. Аз ин рӯ, ба диссертант зарур аст, ки синну соли хонандагонро муайян намояд ё онро бевосита нишон диҳад ва ё аз рӯйи синфҳо мушаххас созад;

3. Дар диссертатсия баъзе хатоҳои техникӣ, аз ҷумла, камбудиҳо дар саҳифабандӣ (дар саҳифаи 138-то 142) ва ҳамчунин, дар матни диссертатсия ғалатҳои техникию имлоӣ зиёд ба чашм мерасанд (масалан аз саҳифаи 9 то 29);

4. Дар диссертатсия мазкур якчанд маротиба унвони шоир "Балхӣ" навишта шудааст, ҳол он ки номи шоир дар рисола пурра ва дуруст аз тарафи муаллиф дарҷ гардад;

5. Дар қисмати методологӣ фаҳмонида намешавад, ки кадом усулҳои таҳқиқ истифода шудаанд: таърихӣ-таҳлилӣ, муқоисавӣ, моделсозӣ, ё контент-таҳлил.

Камбудиҳои зикргардида ба арзиши баланди илмии таҳқиқоти анҷомдода таъсир намерасонанд ва онҳо характери тавсиявӣ дошта, дар оянда барои беҳтар гардидани сифати диссертатсия кумак мерасонанд.

Мавриди зикр аст, ки таҳқиқоти гузаронидаи диссертант арзишҳои назаррасро соҳиб буда, дақиқӣ ва возеҳии мафҳуми диссертатсия дар гузориши муаммо ва роҳҳои ҳалли он, вазифагузории он, аҳаммияти назариявию амалӣ гувоҳи онанд.

Дар маҷмуъ, таҳқиқоти диссертатсионии Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷид дар мавзуи «Инсонгаройӣ ва тарбияи инсони комил дар осори Ҷалолиддини Балхӣ ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир» кори таҳқиқотии нав, навгониҳои илмии аҳаммияти назариявӣ ва амалидошта мебошад ва яке аз мавзуъҳои нисбатан кам таҳқиқшуда буда, ба талаботи пешбининамудаи бандҳои 76-79 ва 81-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1 Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна мураттаб гардидааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Абдулмаҷидзода М. А. иштирок ва бо маъруза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода 13 нафар устодону омӯзгорон иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 13 нафар, бетараф - нест, муқобил - нест. Қарор дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 25.05.2026, №10/2 қабул гардидааст.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои география,
мудири кафедраи
педагогикаи умумидонишгоҳӣ Қодиров Ш. С.

**Эксперт:**
номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи
педагогикаи умумидонишгоҳӣ Қаюмова Ҳ.Т.

**Котиби ҷаласа:** Нураҳмадзода Д.

Имзоҳои Қодиров Ш.С., Қаюмова Ҳ.Т. ва Д. Нураҳмадзодаро
тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсус Юсупова Б. Ғ.

**Нишонии муассиса:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6;
Тел: +992 (37) 2 32 50 00, 2 32 87 30, 2 32 50 05;
**E-mail:** dbzkht.tj